ХАБАРНОМА

*Лоиҳаи USAID «Модари солим, кӯдаки солим»*
*Душанбе, Тоҷикистон 2021. (Нашри #1)*

## USAID ЛОИҲАИ НАВИ “МОДАРИ СОЛИМ, КӮДАКИ СОЛИМ”- РОДАР ТОҶИКИСТОН ОҒОЗ НАМУД

**Душанбе, Тоҷикистон, 11-уми марти соли 2021 –** Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) дар ҳамкорӣ боВазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи нави USAID «Модари солим, кӯдаки солим» ҳусни оғоз бахшид. Ин лоиҳаи панҷсола, ки барои амалишавии он 17,3 миллион доллари ИМА ҷудо гардидааст, дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои тандурустии вилояти Хатлон, барои коҳиш додани фавти модарону кӯдакон ва камғизоӣ дар 12 ноҳияи вилояти Хатлон амалӣ хоҳад гардид.




*Ҷонишини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфия Абдусамадзода ва Кит Симонз намояндагии USAID дар Тоҷикистон.*

Лоиҳаи USAID “Модари солим, кӯдаки солим” дастгирии техникиро ҷиҳати таҳкими тамоми сатҳҳои системаи тандурустии Тоҷикистон таъмин менамояд ва барои таъсир расонидан ба меъёрҳои иҷтимоӣ ва рафтор дар самти қабули ғизо ва ҳифзи саломатии модарон ва кӯдакон, барои мусоидат ба қабули тарзи ҳаёти солим, кӯмак мерасонад.



*Иштирокчиени ҷаласса, 11, Марти соли 2021.*

*Маълумоти бештарро аз сомонаи зерин пайдо намоед:*
*https://www.usaid.gov/tajikistan*

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

# USAID ЛОИҲАИ «МОДАРИ СОЛИМ, КӮДАКИ СОЛИМ» ВОСИТАИ НАВИ БАҲОГУЗОРИИ ФАВРИИ МУАССИССАҲОИ ТАНДУРУСТИРО БА РОҲ МОНД.

Рақамисозии хизматрасониҳои тиббӣ дар дувоздаҳ ноҳияи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Баҳогузории фаврии муассисаҳои тиббӣ воситаи рақамии "CommCare"-ро истифода мебарад, ки дар моҳи январи соли 2021 расман оғоз ва ба Вазорати тандурустӣ ва кормандони тиббӣ дар Тоҷикистон тақдим шуда буд. Муовини Вазири Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Зулфия Абдусамадзода рӯзи нахустини ин чорабинии миллиро ифтитоҳ намуд. Лоиҳаи USAID “Модари солим, кӯдаки солим" оид ба тарзи истифодаи "CommCare" ба 24 корманди тиббӣ ба шумули педиатрҳо, ҳамшираҳои шафқат, дояҳо, духтурони амрози занона (гинекологҳо) ва кормандони тиббӣ омӯзиши фаврии серӯза гузаронид, ки дар он иштирокчиён оид ба истифодаи назариявии воситаҳои рақамӣ донишу малакаҳои заруриро аз худ карданд. Баъд аз омӯзиши назариявӣ, тарзи амалии истифодаи он дар ноҳияҳои пилотӣ анҷом дода шуд. Кормандони тиббӣ дар ҳоли ҳозир машғули ҷамъоварии маълумот дар ин ноҳияҳои пилотӣ ҷиҳати баҳодиҳӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ барои модару кӯдак, мебошанд.


*Воситаи рақамии "CommCare" 2021*




Шарҳи муффасал:
http://moh.tj/?p=26908

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

## НАВОРИ "БАҲОГУЗОРИИ ФАВРИИ МУАССИССАҲОИ ТАНДУРУСТӢ"

Ин навор оид ба рақамисозии хизматрасониҳои тиббӣ дар дувоздаҳ ноҳияи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

*Сомонаи навор дар инҷост:*
*https://www.facebook.com/watch/?v=953160088791931*



*Барномаи мазкур бо мақсади беҳбуд намудани вазъи саломатӣ ва ғизогирии модару кӯдак тавассути ташхис ва табобати саривақтию босифат, ки ба коҳиши бемориву фавти модару кӯдак оварда мерасонад, тарроҳӣ шудааст. Марти, 2021.*

## 12 МАРТИ СОЛИ 2021 ЛОИҲАИ USAID «МОДАРИ СОЛИМ,КӮДАКИ СОЛИМ» МИЗИ МУДАВВАРРО ДАР ҲАМКОРӢ БО ҲУКУМАТҲОИ НОҲИЯҲОИ ТАҶРИБАВӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ТАНДУРУСТӢ ДАР ШАҲРИ БОХТАР ОҒОЗ НАМУД.

Мизи мудаввар намояндагони Ҳукуматҳои маҳаллӣ, марказҳои тарзи ҳаёти солим, марказҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитариро барои шиносоӣ ва муҳокимаи Дастури Миллӣ оид ба "Шарикӣ бо ҷомеа дар масъалаҳои тандурустӣ" гирд оварда, имкон медиҳад, ки муносибати ҳамоҳангшуда ва ҳамбастаро фароҳам орад.




*Навор дар бораи Баҳогузории фаврии муассисаҳои тиббӣ воситаи рақамии "CommCare"- и Лоиҳаи USAID «Модари солим, кӯдаки солим».*



*USAID “Модари солим, кӯдаки солим" бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини хизматрасониҳои босифати тиббӣ ва ғизоӣ барои ҳама модарону кӯдакони Тоҷикистон шарикӣ менамояд.*



*Бохтар, 12 Марти соли 2021.*